“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор

_______________Ибодуллозода А. И.

«__28__»___апрели___ 2025

# ХУЛОСАИ

***кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – таърихи ватанӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти № 12 аз 29 июни соли 2019 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи халқи тоҷик донишгоҳи номбурда иҷро гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 25 апрели соли 2025 таҳти протоколи № 9 муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар давраи омода кардани диссертатсия Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич ба ҳайси аспирант, ассистент ва унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият мекард.

Имтиҳоноти номзадиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супоридааст.

Роҳбари илмӣ Ғафуров Абдулло Мутиллоевич – номзади илмҳои таърих, дотсент, корманди Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ мебошад.

Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ дар мавзӯи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» дар

ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ, аз 25 апрели соли 2025, № 9 баррасӣ гардида, аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда ба зинаи ҳимояи кушод тавсия дода шудааст.

***Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи навбатӣ қабул карда шуд:***

Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар таърихнигории тоҷик нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба нақши яке аз чеҳраҳои намоёни таърихи тоҷик дар замони Шуравӣ – Нусратулло Махсум ба шумор рафта, мавзӯъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худи диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи илми таърих мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи зикршуда чунин хулоса карда шуд:

**Мутобиқатии ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Мавзуи диссертатсия бо ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ мувофиқ аст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX ва саҳми нусратулло Махсум дар ин раванд, кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи навини Тоҷикистон, инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистон”, “Таърихи муосири халқи тоҷик” васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони нимаи аввали асри XX имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Мутобиқатии теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 3 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд. Мақолаҳои нашргардида нишон медиҳанд, ки муаллиф инъикоси масоили умдаи мавзуи мазкурро дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ амиқ таҳлил намуда, дар заминаи он таҳқиқоти маҷмӯии таърихиро анҷом додааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқи онҳо.** Тадқиқоти мазкур натиҷаи ковиш ва таҳқиқи беш аз 15 солаи муаллифи рисола буда, мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои он дар 4 мақолаи муаллиф, ки дар нашрияҳои КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Инчунин, муҳтавои он дар як қатор маъруза ва дигар баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун ва суҳбатҳо дар барномаҳои телевизионию радиоӣ, ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, соли 2009 дар конфронси апрелии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бахшида ба ҳафтаи илм, дар мавзуи «Зиндагиномаи Нусратулло Махсум»; соли 2011 бо маърӯзае таҳти унвони «Нусратулло Махсум ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҶМШС Тоҷикистон» дар конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба 80 солагии ташкилёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (бо ибтикори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ); соли 2021 ба муносибати 30 солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфронси ҷумҳуриявӣ, ки дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид, зери унвони «Нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси ҶМШС Тоҷикистон»; соли 2022 дар конфронси анъанавии апрелӣ ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ бо мавзуи «Нақши Нусратулло Махсум дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои занон», соли 2023 дар конференсияи илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров бо номи «Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ зери унвони «Саҳми Нусратулло Махсум дар рушди маорифи тоҷик» ва ғайра. Инчунин, бо номи «Нақши Нусратулло Махсум дар торумори дастаҳои босмачиён» дар семинарҳои махсуси ташкилнамудаи КДАМ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, ки дар ноҳияи Рашт, рӯзҳои 3 – 5 апрели соли 2025 баргузор шуд, бо мақсади таҳкими ҳисси

ватандӯстӣ ва боло бардоштани худшиносии миллии ҷомеа мавриди таҳлил қарор гирифт.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили маводҳои гуногун, инчунин асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии солҳои 20-ум ва 30-юми Тоҷикистон, нақши Нусратулло Махсум дар танзими равандҳои нави сиёсию ҷамъиятии ин давра равшан зоҳир мегардад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, 3 боб, 10 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**
**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**


1. Маҳмудов Д. Нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон. / Д. Маҳмудов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. -№5. –С. 368 – 371. ISSN 2219-5408.
2. Маҳмудов Д. Саҳми Нусратулло Махсум дар бартараф намудани ихтилофҳои дохилии Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX. / Д. Маҳмудов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. –2022. –№ 6. –С. 323 – 328. ISSN 2219-5408.
3. Маҳмудов Д. Нусратулло Махсум дар шинохти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон. / Д. Маҳмудов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2023. №6. –С. 208 – 214. ISSN 2219-5408.
4. Маҳмудов Д.  Нусратулло Махсум ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон. / А. Ғафуров., Д. Маҳмудов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2023. №6. –С. 215 – 220.


**Монография:**


5. Давлатшо Маҳмуд., Абдурашитов Ф. Нусратулло Махсум. –Душанбе, 2018. – 146 с.


**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табъ расида:**


6. Маҳмудов Д.  Дунё ҳамеша дар талаби марди оқил аст  (Корномаи Нусратулло Махсум) / Д. Маҳмудов // Илм ва ҳаёт, № 1, соли 2018. – С. 8-15.

7. Маҳмудов Д.   Нақши Нусратулло Махсум дар торумори дастаҳои Фузайл Махсум / Д. Маҳмудов // Нусратулло Махсум – ҷонфидои давлату миллат. Маводи конференсияи илмӣ. – Ғарм, 2019. – С. 91 – 100.

8. Маҳмудов Д. Моҷарои тилло дар хонадони Нусратулло Махсум / Д. Маҳмудов // Маҷмӯаи мақолаҳо дар мавзӯи "Босмачиён дар таърих: нигоҳи нав ба ҳаводиси куҳан" – Ғарм, 2019. – С. 97 – 102.

9. Маҳмудов Д. Ҳамкориҳои Нусратулло Махсум бо Артиши Сурх ва саркӯб шудани охирин моҷарои Фузайл Махсум. / Д. Маҳмудов // Артиши миллӣ – сипари боэътимоди ватан. Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 феврали соли 2023. – Душанбе, 2023. –С. 184 – 193.

10. Маҳмудов Д. Мақоми Нусратулло Махсум аз нигоҳи Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон. /Д. Маҳмудов // Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик. Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик». –Душанбе, 2025. –С. 164 – 168.

***Ҷаласа қарор кард:***

1. Диссертатсияи номзадии Маҳмудов Давлатшоҳ дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02. – таърихи ватанӣ таҳқиқоти илмии анҷом ёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02. – таърихи ватанӣ ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии КОА-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 25 апрели соли 2025 таҳти № 9 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 22 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 22 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Қарори № 9 аз 25.04.2025 с.

Мудири кафедраи
таърихи халқи тоҷики ДДОТ
ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих,
дотсент Сайнаков Сайнак Парпишоевич

Котиби ҷаласа,
муаллими калон Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info.tgpu.tj

Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Абдукарим Мустафозода

"26" 04 2025